ХУЛОСАИ
Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 31.10.2026, №22
Барои сазовор донистани Самандарова Зарнигор Умаровна,
шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ

Диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзуи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.12 – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) пешниҳод гардидааст, аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5), ки дар асоси фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №488/шд таъсис ёфтааст, ба ҳимоя қабул карда шуд (№35 аз 28.08.2026).

Довталаби дараҷаи илмӣ – Самандарова Зарнигор Умаровна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 21.05.1987 дар ноҳияи Варзоб таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик.

Соли 2005 ба Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, факултети иқтисодӣ дохил шуда, соли 2010 онро аз рӯи ихтисоси “Молия ва қарз дар КАС” бо дипломи сурх хатм намудааст.

Соли 2010 ба ҳайси асссистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба кор шуруъ намуда, то ҳол дар ин кафедра кор ва фаъолият менамояд. Оиладор, соҳиби се фарзанд.

Соли 2018 ба шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дохил шуда, соли 2022 онро хатм намудааст.

Мавзуи рисолаи илмии ӯ «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» бо қарори шурои олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аввалин маротиба 12.03.2018 тасдиқ гардида, баъдан 30.12.2023 (протоколи №6) бо тағйиру иловаҳо тасдиқ карда шудааст.

Роҳбари илмӣ: Раҷабов Раҷаб Кӯчакович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна дар ҷаласаи кушоди кафедраи “Таҳлили иқтисодӣ ва омор”-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (20.12.2025, суратҷаласаи №5) муҳокима гардида, бо назардошти ислоҳи эродҳои ҷойдошта барои баррасӣ ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-063 аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12 – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) пешниҳод гардидааст.

Муқарризони расмӣ:

- Ёров Ҷамшед Нуруллоевич - доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи сайёҳӣ ва бизнеси меҳмондории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

- Махкамзода Фурқат Фозил - номзади илмҳои иқтисодӣ, устоди калони кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Интихоби мукарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи сайёҳӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз, асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Хулосаи мусбати муассисаи пешбар аз тарафи коршинос Наимзода Насим-ҷон Қудратуло, номзади илмҳои иқтисодӣ, устоди калони кафедраи технология-ҳои информатсионӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таҳия гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳӣ ва кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва методикаи таълими информатикаи муассисаи мазкур (аз 03.10.2026, суратҷаласаи №3) баррасӣ гардидааст ва аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, д.и.и., дотсент Қурбонзода М.Р. тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсияи Самандарова З.У. дар мавзуи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12. – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи мукарраршудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591) ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ омода гардидааст, дар он масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Самандарова Зарнигор Умаровна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 10 интишори илмӣ, аз ҷумла, 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

дар нашрияҳои тақризшаванда:

1. Самандарова З.У., Самандаров И.Ҳ. Танзими давлатии рушди инфрасохтори иҷимоии минтақаҳои деҳот // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2021 - №3. – С. 80 - 84

2. Самандарова З.У., Самандаров И.Ҳ., Халикова М. Нишондиҳандаҳои рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва усулҳои муайян намудани онҳо // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз». - Душанбе, 2022. - № 2(95). - С. 120 – 123.

3. Самандарова З.У., Самандаров И.Ҳ. Асосҳои назариявию методии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз». - Душанбе, 2023 - №4. - С. 40-43.

4. Самандарова З.У. Рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот (асосҳои назариявию методӣ) // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз». - Душанбе, 2024 - №1 (102). - С. 229-233.

5. Самандарова З.У., Рачабов Р.К. Самтҳои асосии агросайёҳӣ дар рушди ҳудуди деҳот // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз». - Душанбе, 2025 - №1. -

С. 276 - 280.

6. Самандарова З.У. Самтҳои дурнамо ва моделҳои рушди сайёҳии аграрӣ маҳалҳои деҳот // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз». - Душанбе, 2026 - №1. - С. 386 - 388.

дар дигар нашрияҳо:

7. Самандарова З.У., Самандаров И.Ҳ., Асоев М.М. Государственная поддержка в развитие социальной инфраструктуры села // Сборник научных статей. Мат-лы межд. научно-практ. конф. на тему «Адаптация сельскохозяйственной отрасли к изменениям климата: проблемы и путы решения», посвящённой 30 летию Государственной независимости Республики Таджикистан и 90 летию со дня основания Таджикского государственного университета имени Ш. Шотемур, (23-25 октября 2021 г.). - Душанбе, 2021 - С. 368-371.

8 Самандарова З.У., Бобоева З.А. Проблемы организации и пути формирования исламской банковской системы Республики Таджикистан // Сборник научных статей межд. научно-практ. конф. на тему «Экономика, управление и финансы в АПК: состояние и перспективные направления развития науки в XXI веке». - Душанбе, 2021. - с.291-296.

9. Самандарова З.У., Сангинова У.С. Роль лимонарии в обеспечении продовольственной безопасности страны // Сборник научных статей межд. научно-практ. конф. на тему «Актуальные проблемы эффективного использования водных и земельных ресурсов в условиях рыночной экономики и климатических изменений». - Душанбе, 2022 - С. 214 - 217.

10. Самандарова З.У., Абдуллоев Д.А., Бобоева З.А. Основные показатели экономической эффективности производства зерна // Сборник научных статей межд. научно-практ. конф. на тему «Актуальные проблемы эффективного использования водных и земельных ресурсов в условиях рыночной экономики и климатических изменений». - Душанбе, 2022. - С. 326 - 330.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:

1. Тақриз аз номи Пиризода Ҷ.С. - д.и.и., профессор, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ бо чунин эродҳо:

- дар қисми назариявӣ муносибатҳои гуногун ба мафҳуми «сайёҳии аграрӣ» баррасӣ гардидаанд. Бо вуҷуди ин, барои боз ҳам равшантар намудани мавқеи муаллиф мувофиқи мақсад мебуд, ки фарқиятҳои асосии таърифҳои пешниҳодшуда дар шакли ҷадвали муқоисавӣ нишон дода шуда, афзалиятҳои таърифи пешниҳоднамудаи муаллиф возеҳтар асоснок карда шаванд.

- ба андешаи мо, масъалаи сифати хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ метавонад дар тадқиқоти минбаъда боз ҳам васеътар инъикос ёбад. Таҳияи нишондиҳандаҳои ягонаи арзёбии сифати хизматрасонӣ метавонад барои баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои сайёҳии деҳотӣ мусоидат намояд.

- ҳангоми истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар рушди сайёҳии аграрӣ зарур аст, ки фарқиятҳои инфрасохторӣ, институтсионалӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон ба таври муфассалтар ба назар гирифта шаванд. Ин имкон медиҳад, ки таҷрибаи байналмилалӣ на ба таври мустақим, балки бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ мутобиқ карда шавад.

2. Тақриз аз номи Набизода Тоҳир Толиб - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- дар қисми назариявии автореферат мафҳуми «сайёҳии аграрӣ» аз мавқеъҳои гуногун баррасӣ гардида, таърифи муаллиф низ пешниҳод шудааст. Аммо фарқияти методологӣ ва меъёрии байни мафҳумҳои «сайёҳии аграрӣ», «сайёҳии деҳот» ва дигар шаклҳои ба онҳо наздик пурра низомнок карда нашудааст. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки меъёрҳои мушаххаси ҷудокунии ин мафҳумҳо - аз рӯйи мақсад, захираҳои истифодашаванда, иштироки хоҷагиҳои кишоварзӣ, намуди маҳсулоти туристӣ ва натиҷаи иқтисодӣ - равшантар асоснок карда шаванд.

- дар автореферат барои арзёбии рушди устувор ва самаранокии иҷтимоию иқтисодии сайёҳии аграрӣ як қатор нишондиҳандаҳо пешниҳод шудаанд, вале тартиби ягонаи ҳисобкунии нишондиҳандаи интегралии самаранокӣ ва асосноккунии вазни ҳар як нишондиҳанда ба таври кофӣ муфассал нишон дода нашудааст. Агар механизми ҳисобкунӣ, интихоби вазнҳо ва тартиби гурӯҳбандии ноҳияҳо аз рӯйи сатҳи рушди сайёҳии аграрӣ возеҳтар пешниҳод карда шавад, имконияти муқоисаи илмии ноҳияҳои вилояти Хатлон ва истифодаи методика дар дигар минтақаҳо бештар мегардад.

- дар қисми марбут ба моделҳои рушди сайёҳии аграрӣ чор модели асосӣ пешниҳод гардидааст, аммо робитаи ҳар як модел бо хусусиятҳои мушаххаси ноҳияҳои вилояти Хатлон - захираҳои табиӣ, сатҳи рушди кишоварзӣ, инфрасохтор, дастрасии нақлиётӣ, иқтидори сармоягузорӣ ва бозори эҳтимолии сайёҳӣ - нисбатан камтар мушаххас шудааст. Ба андешаи мо, гурӯҳбандии ноҳияҳо аз рӯйи иқтидори агротуристӣ ва муайян намудани модели афзалиятнок барои ҳар гурӯҳ арзиши амалии пешниҳодҳоро боз ҳам баланд мебардошт.

3. Такриз аз номи Муртазозода О. - муовини якуми директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент бо чунин эродҳо:

- муаллиф дар расми 2 автореферат «Равишҳои рушди сайёҳии аграрӣ»-ро бо як қатор самтҳои муҳим, аз ҷумла рушди минтақавӣ, ҳифзи муҳити зист, ба назар гирифтани манфиатҳои аҳолии маҳаллӣ ва таҳкими ҳамкории байнисоҳавиро пешниҳод намудааст (саҳ.18). Бо вуҷуди ин, робитаи мантиқӣ ва вобастагии мутақобилаи равишҳои мазкур, инчунин нақши ҳар яки онҳо дар таъмини рушди устувори сайёҳии аграрӣ ба таври зарурӣ мушаххас нагардидааст. Ба андешаи мо, хуб мешуд агар равишҳои пешниҳодшударо аз рӯйи хусусиятҳо гурӯҳбандӣ намуда ва таъсири онҳоро ба рушди сайёҳии аграрӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок мегардид.

- дар ҷадвали 4 нишондиҳандаҳои асосии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикис-тонро пешниҳод намудааст (саҳ.20). Аммо дар шароити афзоиши назаррасии шумораи сайёҳони хориҷӣ, таҳлили сабабҳои тағйирёбии нишондиҳандаҳо, аз ҷумла коҳиши ёфтани шумораи ширкатҳои сайёҳии фаъол аз 224 адад дар соли 2020 то 200 адад дар соли 2024, ба таври мушаххас арзёбӣ нагардидааст. Мувофиқи мақсад мебуд, ки агар муаллиф омилҳои таъсиррасонро аз нигоҳи иқтисодӣ асоснок менамуд.

4. Такриз аз номи Ризозода Тура Раббим - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эрод:

- бояд ибрози андеша намуд, ки новобаста аз оне, ки автореферат ҷиҳатҳои мусбӣ дорад, дар он ҳамчунин камбудие ба назар мерасад, ки онро қайд намудан бамаврид аст: агар муаллиф мушаххастар сарчашмаи маблағгузориҳоро ба амалисозии самтҳои асосӣ ва дурнамои рушди устувори сайёҳии аграрӣ ва роҳҳои таъмини самаранокии истифодаи

онҳоро пешниҳод намуда, саҳми чунин сармоягузориҳоро дар ММД-и кишвар муайян менамуд, мувофиқи мақсад мегардид.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-063 қайд менамояд, ки диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна ба масъалаҳои рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар шароити иқтисодиёти минтақавӣ, такмили асосҳои назариявию методӣ, муайян намудани омилҳои рушди сайёҳии аграрӣ, арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодии он ва таҳияи механизмҳои ташкилию иқтисодии рушди ин намуди сайёҳӣ дар вилояти Хатлон бахшида шудааст.

Мубрамияти таҳқиқот бо зарурати истифодаи самараноки иқтидори табиию захиравӣ, истеҳсолӣ, меҳнатӣ ва фарҳангии минтақаҳои деҳот, диверсификатсияи фаъолияти иқтисодии хоҷагиҳои кишоварзӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзоиши даромади аҳолии деҳот, ҳифзи муҳити зист ва рушди устувори иқтисодиёти минтақавӣ муайян карда мешавад.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи довталаб:

• **таҳия ва такмил дода шудаанд** муқаррароти назариявӣ оид ба моҳият ва мазмуни иқтисодии сайёҳии аграрӣ ҳамчун шакли нисбатан нави фаъолияти сайёҳӣ дар минтақаҳои деҳот, ки фаъолияти кишоварзӣ, хизматрасонии сайёҳӣ, истифодаи захираҳои табиию фарҳангӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии деҳотро ба ҳам мепайвандад;

• **пешниҳод шудааст** равиши илмӣ оид ба муайян намудани сохтор ва унсурҳои асосии механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, ки муносибатҳои байни субъектҳои хоҷагидории кишоварзӣ, ташкилотҳои сайёҳӣ, мақомоти давлатӣ, аҳолии маҳаллӣ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои сайёҳиро фаро мегирад;

• **асоснок карда шудаанд** равишҳои методии таҳияи стратегияҳои рушди минтақавӣ бо назардошти имкониятҳои ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ, хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, захиравӣ ва инфрасохтории минтақаҳои деҳот;

• **такмил дода шудаанд** равишҳои арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ бо назардошти манфиатҳои давлат, корхонаҳои кишоварзӣ, аҳолии деҳот ва сайёҳон;

• **исбот шудааст**, ки рушди сайёҳии аграрӣ ба ташкили ҷойҳои нави корӣ, васеъ намудани доираи хизматрасониҳо, ташаккули манбаъҳои иловагии даромади хоҷагиҳои кишоварзӣ ва аҳолии деҳот, инчунин баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори иқтисодии минтақа мусоидат менамояд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда мешавад, ки:

• **исбот шудаанд** муқаррароти илмӣ оид ба зарурати баррасии сайёҳии аграрӣ ҳамчун шакли мустақили фаъолияти иқтисодӣ ва яке аз воситаҳои муҳими таъмини рушди устувори минтақаҳои деҳот, ки ба ҳамгироии фаъолияти кишоварзӣ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ асос меёбад;

• **вобаста ба масъалагузории диссертатсия самаранок ва бо ба даст овардани натиҷаҳои дорои навгонии илмӣ истифода шудаанд** муқаррароти назарияи иқтисодӣ, иқтисодиёти сайёҳӣ, иқтисодиёти кишоварзӣ, назарияи рушди устувор, иқтисодиёти минтақавӣ ва усулҳои таҳлили иқтисодию оморӣ;

• **кушода шудаанд** моҳият, мазмун ва хусусиятҳои иқтисодии сайёҳии аграрӣ, робитаи он бо фаъолияти кишоварзӣ, рушди инфрасохтори деҳот, истифодаи захираҳои табиию фарҳангӣ ва ташаккули манбаъҳои иловагии даромади аҳолӣ;

• **омӯхта шудаанд** асосҳои назариявию методии ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва имкониятҳои истифодаи равишҳои пешқадами рушди ин намуди сайёҳӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• **муайян карда шудаанд** омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, табиӣ, захиравӣ, ниҳодӣ ва инфрасохторӣ, ки ба ташаккул ва рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар вилояти Хатлон таъсир мерасонанд;

• **асоснок карда шудаанд** муқаррароти илмӣ оид ба арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодии сайёҳии аграрӣ бо дарназардошти манфиатҳои иштирокчиёни асосии фаъолияти сайёҳӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти минтақавӣ.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои амалия бо он тасдиқ карда мешавад, ки:

• **таҳия шудаанд** тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар вилояти Хатлон, ки метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатӣ ва минтақавии рушди сайёҳӣ, кишоварзӣ ва минтақаҳои деҳот истифода шаванд;

• **муайян шудаанд** самтҳои афзалиятноки истифодаи иқтидори табиию захиравӣ, истеҳсолӣ, меҳнатӣ ва фарҳангии минтақаҳои деҳот барои ташкили хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ;

• **пешниҳод шудааст** усули арзёбии сатҳи рушди устувори сайёҳии аграрӣ, ки барои муайян намудани имкониятҳои иқтисодӣ ва ҷолибияти минтақаҳо ҷиҳати ташкили объектҳои сайёҳии деҳот истифода шуда метавонад;

• **асоснок карда шудааст** зарурати рушди инфрасохтори сайёҳии аграрӣ, бехтар намудани дастрасии нақлиётӣ, иттилоотӣ ва хизматрасонӣ, инчунин ташкили ҳамкории самараноки байни субъектҳои кишоварзӣ ва сайёҳӣ;

• **муайян карда шудааст**, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти идоракунии соҳаҳои сайёҳӣ ва кишоварзӣ, мақомоти маҳаллии идоракунӣ, ташкилотҳои сайёҳӣ ва субъектҳои хоҷагидории кишоварзӣ истифода гарданд (санади татбиқ аз Раёсати кишоварзии н. Файзобод (№10 аз 11.02.2026) ва Маълумотномаи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (№01/374 аз 17.04.2024)).

Арзёбии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки:

• **назарияи таҳқиқот бунёд шудааст** дар заминаи муқаррароти назарияи иқтисодӣ, иқтисодиёти сайёҳӣ, иқтисодиёти кишоварзӣ, назарияи рушди устувор, иқтисодиёти минтақавӣ ва таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷӣ оид ба рушди сайёҳии аграрӣ ва минтақаҳои деҳот;

• **ғояи таҳқиқот асос ёфтааст** ба фарзияи илмие, ки тибқи он рушди устувори сайёҳии аграрӣ тавассути истифодаи самараноки иқтидори табиию захиравӣ, истеҳсолӣ ва меҳнатии минтақаҳои деҳот, такмили механизми ташкилию иқтисодӣ ва ҷалби субъектҳои манфиатдор метавонад ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа мусоидат намояд;

• **истифода шудаанд** усулҳои таҳлил ва синтез, таснифот, таҳлили иқтисодӣ, оморӣ, риёзӣ, иқтисодию математикӣ, муқоисавӣ, инчунин усулҳои таҷрибавию озмоишӣ;

• **пойгоҳи иттилоотии таҳқиқотро ташкил додаанд** санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати

кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии омор дар вилояти Хатлон, Раёсати кишоварзии вилояти Хатлон ва дигар маводи иттилоотию таҳлилӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ аз инҳо иборат мебошад:

- мустақилона муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи илмии таҳқиқот, инчунин асоснок намудани мубрамияти рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар вилояти Хатлон;
- таҳқиқ ва такмили асосҳои назариявию методии сайёҳии аграрӣ, хусусиятҳои минтақавии рушди сайёҳӣ, муайян намудани моҳият, хусусиятҳо ва нақши он дар рушди устувори минтақаҳои деҳот;
- таҳияи усулҳо ва меъёрҳои арзёбии сатҳи рушди устувори сайёҳии аграрӣ бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва захиравии минтақаҳои деҳот;
- арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ бо дарназардошти манфиатҳои давлат, корхонаҳои кишоварзӣ, аҳолии деҳот ва сайёҳон;
- асоснок намудани имкониятҳои ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзоиши даромади аҳолии деҳот ва диверсификатсияи фаъолияти иқтисодии хоҷагиҳои кишоварзӣ;
- таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, беҳтар намудани муҳити ниҳодӣ ва низоми дастгирии субъектҳои соҳа.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 31 октябри соли 2026 қарори сазовор донистани Самандарова Зарнигор Умаровна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар иштирок доштанд (2 нафар – иштироки маҷозӣ), аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ___ нафар.

Овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, мукобил - нест, бюллетени беэътибор - нест.

Раиси шурои
диссертатсионӣ, д.и.и., профессор **Шарофзода Ф.Р.**

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент **Иемоилов А.А.**